# Қолабҳои нави таҷрибавӣ

Александр Амзин

## Пешгуфтор

Дар поёни соли 2015 шумораи корбарони шабака ба се миллиард расид. Ду миллиарди онҳо аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолона истифода мебаранд. Муҳақиқон беш  аз 1.6 млрд сабти ҳисоби (аккаунт)  сайёрро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба қайд гирифтаанд.

Ба  ҳисоби миёна як корбар дар шабака 6 соат вақт сарф мекунад, минҷумла 2 соати он ба истифодаи таҷҳизоти мобилӣ рост меояд. Дар расонаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои мобилӣ коргар ҳар иттилоотро беҳтар назорат мекунад ва манзараи рӯзи  худро беҳтар барпо мекунад

Ин ҳолат худ аз худ пайдо нашудааст. Барои манбаи асосии иттилоот шудан ба интернет 20 сол зарур шуд. Шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойи худро дар зарфи даҳ сол соҳиб шуданд. Таҷҳизоти мобилӣ дар зарфи чанд соле расонаи хусусӣ шуд. Одати маъмули истеъмоли расонаҳо тағйир ёфт.

Якбора  чанд раванди таҳаввул/гузариш пиёда мешаванд. Расонаҳои анъанавӣ сиёсати рақамикунонии дороиҳои хешро пеш мебаранд. Расонаҳои интернетӣ поён омадани нақши худро ҳамчун нуқтаи воруд дарк мекунанд, расонаҳои мобилӣ саъй доранд ба чолишҳои вақт фавран ҷавоб гуянд, зеро  алгоритми сохти мавзӯъ барои корбарони фаъол ҳар сол  дигар мешавад. Ҳар гурухе дар стратегияи расонавияш ҳадафҳои худашаро пайгирӣ мекунад ва ҳамаашонро абзорҳо муттаҳид менамоянд. То омма расонидани иттилоот равишҳои  тоза, азхудкунии каналҳои иловагии паҳнкунӣ ва ғунҷондани  муҳтаворо дар қолабҳое, ки қаблан вуҷуд надоштанд, талаб менамояд

Албатта калимаи «нав » дар нисбати қолабҳои рақамӣ як навъ такрори беҷост.

Ҳатто қолаби хабарҳои онлайнӣ ва маводи тафсирӣ дар расонаҳои рақамӣ, ки ба назарамон анъанавӣ менамоянд, дар асл чунин нестанд.

Чун дигар қолабҳои интернетӣ хусусиятҳои инфиродӣ доранд, мисли фароматнӣ, чандрасонагӣ, тагйирпазирӣ(оҷилан таҳрир ва фарзия оҷил гирифтан метавонанд) ва қобилияти дар платформаҳои нав ба таври автоматикӣ мутобиқ шудан. Ин дар навбати худ қолабҳои рақамии «анъанави»-ро «нав» ва бо собиқаашон мутафовит мекунад.

Барои пешгирӣ аз иштибоҳ мо на масъалаи навгониҳои технологиро баррасӣ мекунем (он фақат номбар кардани тамоми воситаҳои рақамӣ, бастабандии иттилоотро талаб мекард), балки қолабхоеро, ки дар робита ба талабот ва ниёзҳои нави аудитория пайдо шудаанд.

Мо дар ин боб танаввуи қолабҳои нави асосиро дида мебароем, бурду бохти онҳоро меомузем ва ҳамчунин кушиш мекунем, ки чанд маслиҳати амалӣ бидиҳем. Ҳангоми таҳияи бобҳо, чӣ таҷрибаи расонаҳои ғарбӣ, мисли The New York Times, The Guardianи Gawker, ва чӣ нашрияҳои руссӣ -мисли Meduza, Slon.ru, The Village ва ғайра, истифода шуд. Бо баъзе сабабҳо дар ин ташреҳ мессенҷерҳо ва қолабҳое, ки бо ботҳои интерактивӣ ва қаррорҳои корпоративӣ марбутанд, дохил карда нашуданд.

## Каналҳои ҷустуҷӯ

То соли 2010 системаҳои ҷустуҷӯ канали асосии дастарасӣ ба иттилоот шуданд. Расонаҳо ба зудӣ таъминкунандаи ҷавоб ба саволҳои марбут ба мавзӯъҳои таваҷҷуҳи умум:

хабарсозон, ширкатҳо, тимҳои варзиши ва таҷҳизоти электронӣ шуданд.
Системаҳои ҷустуҷуи худашон низ дарк карданд, ки ҷустуҷу дар шабака бо дархостҳои мушаххас (навигатсионӣ) ва иттилооти кутоҳ мунҳасир намешавад. Натиҷаи он барномахои ҳамшарикӣ бо нашрия ва таҷаммӯи ахбор шуд

Қариб ҳеҷ кас аз Google ё Яндекс дар бораи саломатии аъзои шӯрои вазирон ё охирин навигариҳо аз олами нақлиёт намепурсад, аммо хабари ногаҳон задани дили вазир ё бозхости тамоми мошинҳои ҷопонӣ диққати ҳамаро ҷалб мекунад. Ҳамин тавр дархост барои сохтани як дастури дастҷамъона ва ба он ворид намудани шарикони манфиатдор ба миён омад.

Дар натиҷа сохторҳои Яндекс,Новости ва Google News-ро ҳар моҳ миллионхо зиёрат мекунад. Бисёр нашрияҳои русӣ беш аз 20 фоизи аудиторияашонро аз тариқи агрегаторҳои хабарӣ мегиранд. Он ба андозае сарчашмаи муҳим аст, ки баъзан дар редаксия шуъбаҳои ҷудогона пайдо мешаванд, ки хабарҳоро барои агрегаторҳо тавлид мекунанд. Маъмулан, сухан дар бораи хабарҳои кутоҳ-кутоҳи ивазшавандае меравад, ки дар сарлавҳаашон хабарсозҳои муҳим зикр мешаванд ва матн аз якчанд манбае, ки ба як табақаи навигариҳо мансуб аст, гирдоварӣ мешавад.

Ҳамчун як услуби фаннӣ, ин раванди тавлиди хабарҳо қолабҳои махсус ба вуҷуд наовард, ки кирои сари он таваққуф кардан бошад, вале таҷҳизоти ҷустуҷуйӣ танҳо бо агрегаторҳои хабарӣ машҳур нестанд, балки бо вазъи махсуси андешаи зиёраткунандагон ҳам маъруфанд.

Истифодабарандаи сохтори ҷустуҷуйӣ хонандаи фаъолест, ки ба чӣ мароқ доштанашро медонад. Қолабе ки у саволҳояшро пешниҳод мекунад, хос аст. Аксаран

карбарон на хабар, балки маълумоти  умумӣ ё  маслиҳати муфид меҷуянд.

Дархости ҷустуҷӯ зотан  аксуламал-ҷавоб мехоҳад. Ҳар қадар дархост ба ҷавоб наздик бошад, эҳтимоли  қонеъ намудани   карбарон бештар аст. Дар ҳамин ҳол масъалаи доғи рӯз будани дархост ва ҷавоби он шарт нест.  Дар бисёр ҳолот метавон маводе аз қабили “маводи ҳамешабаҳор” навишт, ки дар муддати замонии дароз диққати иштирокчӣёни зиёдеро ҷалб кунад.

Сарлавҳаи чунин мавод ба дархоси ҷустуҷу ё ҳамсон аст ё монад. Аксар он бо калимаҳои «чӣ тавр» ,« чаро» ва «чӣ» оғоз шуда, мухтасар ба саволҳо ҷавоб мегуяд. Баъзе нашрияҳо ғарбӣ дар мисоли Lifehacker.com  ва ҳамчунин русӣ бахши муҳими бизнеси худро дар ҳамин поя, бо тавлиди   маҳз чунин мавод, сохтаанд. Онҳо, масалан, шарҳ медиҳанд, ки чӣ тавр маҷонан бидуни шабакаи кабелӣ метавон бозиҳои Ҷоми ҷаҳонро тамошо кард (http://goo.gl/eAdMCl), ё ба истифодабаранда идея медиҳанд, ки 14  феврал- дар рӯзи ошиқон чӣ туҳфа кунанд (http://goo.gl/RjzeZ7).

Нашрия аз баррасии саволҳои одӣ ба  азхудкунии табақаҳои гуногуни дархостҳо мегузарад, дар ҳоле ки навиштани чунин мавод қисмати ногузири равандҳои редаксионӣ мешавад ва  нашрияҳои  комилан ҷиддӣ дар ин қолабҳои нав худро меғунҷонанд. Намунаи хеле хуб маводи нашрияии Meduza, аст, ки ба мавзуи хабари рӯз марбут нестанд, аз қабили «Омлети оличанобро чӣ тавр мепазанд», (https://goo.gl/ XAdkni) ё  «Чӣ тавр бояд риши зебо монд» (https://goo. gl/msQqNX). Чунин мавод дар асл умумианд дар муддати дарозе боиси трофики  ҷустуҷуй мешаванд. Ағлаб инҳо сабабгори пайдо шудани бахшҳое мисли «Шеваи зиндагӣ» ё «Маслиҳатҳои муфид»   мешаванд.

Хулоса, машваратҳо, саволу ҷавобҳо, маслиҳатҳои гуногун, ёддошту раҳнамоҳо- қолабхое , ки ҷавобан бо зуҳури  корбарон пайдо шудаанд ва марбут ба интихоби мавзуҳои пешниҳодшаванда нестанд, балки шарҳи дархостҳои мушаххасанд.

Пайдошавии чунин қолабҳо ҳамчунин боиси пайдоиши нашрия ва маълумотномаҳои зиёде  шуд. Масалан, вики-сомонаҳо бахшида ба силсилафилмҳо, видеофилмҳо, бозиҳо ва ҳамчунин блогҳои техникие, ки ҳамзамон дастгирии техникии корбаронро татбиқ мекунанд

.

Хусусияти хоси чунин мавод:

- сарлавҳае, ки ҳатман калимаҳои калидӣ ё ибораҳое, ки мумкин аст дархости ҷустуҷу бошанд;
- дарозои на камтар аз 1000–1500 символ (мутобиқ бо талаботи системаҳои ҷустуҷуйӣ);
- сохторбандии хуб;
- аксаран бо додани линкҳои иловагӣ ба саволҳои монад.

Каналҳои иҷтимоӣ-шабаквӣ

Бузургтарин шабакаҳои иҷтимоӣ ба корбар маҷрои анонсҳоеро пешниҳод менамоянд, ки ба дардаш мехуранд. Хонанда соҳиби лентаи шахсишудае мегардад, ки хабари аз шиносҳои ӯ расида бо тарғиботи маҳсулот ва хидматрасониҳо, сабти хадматрасониҳое, ки  у  номнавис шудааст ва ҳамчунин бо маводи расонаҳо сабқат мекунад. Ҳиссаи аудиторияе, ки мустақиман вориди сомонаи расонаҳо барои омухтани мавзӯъ  мешаванд, чанд сол боз коста мешавад. Инро таҷрибаи нашрияҳои  бузурге чун The New York Times [1] тасдиқ мекунад. Ҳамчунин ҳиссаи истифодабарандагони саҳифаҳои расмии намояндагиҳои

нашрия дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам паст аст. Ба ҷойи онҳо, анонсҳо аз тариқи лента, ки руйхати анонсҳои тавсияшударо дорад, мустаъмал аст.

. Ин модели нав аз расонаҳо нақши миёнаравони мавзӯъсозро кашида мегирад. Акнун онҳо наметавонанд он чӣро назорат кунад, ки 10 дар сади хонандагони эҳтимолиашон мебинанд ва вазифадоранд барои ҳузури корбарон дар лента, бо мутобиқ сохтани анонси маводашон ва баъдан мутобиқ сохтани маводашон тибқи платформаҳои нав, талош кунанд.

Зарурати мустақиман ворид шудан ба каналҳои шабакавӣ-иҷтимоии ноазхудшуда ва бидуни назорат, фарҳанги «вуруди маҳалли /буми»-ро бо роҳи маҷбур намудани ноширон барои татбиқи қолабҳои нав ва замонавӣ намудани қолабҳои куҳна, эҷод мекунад.
Параметрҳои калидие, ки ҳузурро дар лентаи корбарон муайян менамоянд, дутоянд .

1. Шумораи сабтҳо бар адади маводи аз ҷониби корбар истифодашуда дар як нишаст. Дар бархе аз шабакаҳои иҷтимоӣ, мисли VK ва Twitter, тааддуди (фосилаи зуз-зуд таҷдид намудан) навкунӣ -имкони тағйир додани ҳузур дар лентаи корбарро медиҳад. Он боиси интиқоли матн, эълонҳои сариъ, истеҳсоли хабарҳои кутоҳ, ниёз ба тавлиди муҳтавои аз ҷониби корбар тавлидшуда ва пахши минбаъдаи он барои умум мегардад. Дар дигар ҳолатҳо, масалан дар Фейсбук, ҳадду ҳудуди муайян мавҷуд аст, ки берун аз он шумораи иттилоот аз як манбаъ дар лента афзоиш намеёбад. Дар шароити феълӣ алгоритмҳо нисбат ба гуфтаҳои инҷо мушкилтаранд, баъзан Facebook бисёр навгониҳои зуд- зуд такроршавандаро шоистаи дастрасӣ

барои ҳама медонад, вале дар дурнамои дарозмуддат шонсашон чандон бузург нест.

2.Ҷалб шудани корбар, рағбати у ба сабтҳои манбаи мазкур. Аксар шабакаҳои иҷтимоии замонавӣ системаҳои худтанзимшавандаанд, ки фаъолияти корбар барояшон ишора барои ислоҳ ва тасҳеҳ аст. Дар шакли модели сода маънои онро дорад, ки корбаре, ки лайк мегузорад, сабтеро ба иштирок мегузорад,ё шарҳ медиҳад, аз тариқи линк ба сомона ворид мешавад, дар оянда бо эҳтимолӣ қавӣ хабарҳои ин манбаъро хоҳад дид

Ба ин ду параметр аксар вакт параметри сюм-муҳим буданро илова мекунанд. Ин як иловаи технологӣ-алгоритмист, ки маънояш сабтҳои тоза аз қадимиҳо бештар бояд нишон дода шаванд. «Муҳим будан» маънои онро надорад, ки мундарича бояд муҳим бошад. Ин дар навбати хуб боиси нашрҳои такрории мавзуҳои «абадӣ» гардид, ки нашри мунтазами маводро таъмин менамоянд.

Ниёзи редаксия ба мавзӯъҳои «абадӣ», ки қабл аз вуруди оммавӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шуда буд, хулосаи калом, аз ҷониби корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам пуштибонӣ меёбад. Ин истеҳсоли чунин маълумотнома ва муҳтавои ҳамеша дорои аҳамиятро беш аз пеш муҳимтар мекунад.

Бо мурури вақт расонаҳое, ки ба шабакаҳои иҷтимоӣ такя доранд, сохтори маводи худ ва равандҳои редаксиониро ба он мувофиқ мегардонанд, ки ба талабот оид ба қолабҳои нави эълони мавод ва истеъмоли он ҷавобгу бошанд. Ба ибораи дигар, аз назари параметрҳои зикршуда, бо нашри мунтазам, дар вақти зарурӣ ва дорои қобилияти ҷалби максималии корбарон бошанд.

Азбаски пешниҳод  дар лентаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври автоматист (эълони сабтҳо ба дараҷи кофӣ муназзамшуда аст, лента чун ҷараёни яклухт ба назар мерасад) қолабҳои нав ҳам автоматӣ кунонида мешаванд.

Қолаби эъломи мавод, ки чанде боз ба хонандаи лентаи яксони шабакаҳои иҷтмоӣ ваъдаи пешниҳоди лентаи яклухти сохтори маводро медиҳад, тағйир меёбад(масалан, «12 тарзи сер кардани гурбаҳо», «34 хатое, ки  соҳибкорони нав содир мекунад», «56 маслиҳат барои мусофирони Аврупо».дорои ду таркиба будани даъвои яксонӣ ва ҳаҷми мавод, аз як тараф, ва мавзӯъ, аз тарафи дигар, барои муддати дарозе қолаби listicle (аз list, руйхат ва, и article- мақоларо ба вуҷуд овард

Шакли пешниҳоди мақолаҳои калон, бо ҳатман гирифтани сохтори  «кортшакл» иваз мешавад. Соли  2014 ширкати Vox Media сомона  Vox-ро пиёда кард, ки  самти автоматикунони маводро дар қолаби «корт»-ҳо дастгирӣ менамояд (cardstacks). Ин раванд маводи мушобеҳро муттаҳид ва ҳамзамон, шарҳу тавзеҳоти тулониро мухтасар мекунад. Дар тафовут аз мақолаҳои суннатӣ, шакли кортӣ ба корбар имкони интихоби мавзӯъро қабл аз бодиққат хондан ва ба редаксия имкони тақвияти равандҳоро медиҳад, ки ба нақшагирӣ ва сохторсозии мавод  марбутанд.

Бо возеҳ нишон додани  навъи мавод ҷалбшавӣ  тақвият меёбад: масалан ролики видеоӣ метавонад бо калимаи «видео» дар сарлавҳа ишора шавад; мусоҳиба илова ба тасвири сухангу метавонад иқтибосе махсус барои расм дар шабакаи иҷтимоӣ дошта бошад; аксаран навигариҳо ба ҷои тасвир дар сарлавҳаҳо тамғаи бо ҳуруфи калон навиштаи нашрияро доранд .

Қаблан миёни корбар ва ношир  шартнома/аҳди  садоқат дар табодули  иттилоот баста мешуд. Дар ҳоле ки бояд қадами аввал аз ҷониби корбар гузошта мешуд. Акнун дар каналҳоии иҷтимоӣ ҳануз ҳам ҳамон аҳд, вале бо дигаргукниҳои зерин аст:

- шартномаи колективӣ, ки миёни як корбар ва тамоми ноширон- иштирокдорони канал баста  мешавад;
- корбар уҳдадор нест, ки барои дарёфти маҷмуи мавзӯъҳои фардишуда амале нишон диҳад, аз ҷумла дар интихоб  дар сомонаи нашрия ;
- корбар  ҳиссаи назараси озодии интихоби худро ба души алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоӣ мегузорад.

Шабакаҳои иҷтимои музоядаи фуруши таваҷҷуҳи корбарро дар байни ноширон  мутобиқи шартҳои худ мегузаронанд.

Ба ин тағйироти ҷиддӣ ношир фақат бо фаровонии қолабҳои ҷаззоб: тестҳо, бозиҳо, раҳнамоии чатҳои интерактивӣ ва ғайра ҷавоб гуфта метавонад.  Ҳамаи онҳо бояд мунтазам ва бо нигоҳ доштани сифати баланд фаъолият намоянд, зеро танҳо дар ҳамин ҳолат брендашонро муҳофизат ва эҳососи соҳиби маводи босифатро хоҳанд  дошт.

Аҷиб аст, ки ҷалб шудан ҳатман маънии стратагияи тафреҳро надорад.

Дар як қатор кишварҳо (ИМА, Франсия, Германия, Ирландия) расонаҳои анъанавӣ бо пешниҳоди маводи муҳим ва тадқиқоти журналистӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо муваффақият амал мекунанд. Ҳар яке аз ин  мавод ба сабаби сифати аълои кафолатдодашуда, маъмулан аз ҳар гуна маводи дигар дида, бештар боиси таваҷҷуҳ мегардад. Маҳз бо  ҳамин далел- тадқиқоти журналистӣ дар қолаби рақамӣ рӯзгори хуши худро ба сар мебарад. Маводи калонҳаҷм ба

дасти аудитория бе каму кост мерасад, нашрия бошад обру ва манзалат касб намуда, сайъ мекунад онро ба  пул, обуна, теъдоди нашр(дар ҳолати расонаи чопӣ)  бадал намояд.

Навъи сеюми стратегияро метавон стратегия музахраф (пуч) гуфт. Дар Аврупои Ғарбӣ сомона ва нашрияҳои ҳаҷвие, ки навигариҳои сунъӣ ё сохта таҳия мекунанд, маъмулан  дар сатрҳои аввали маќом оид ба ҷалби корбарон меистанд. Чунин навъи стратегия метавонад барои нашрияҳои комилан муътабар  ҳам босамар бошад, масалан, маҷаллаи

The New Yorker, ки бо колонкаи ҳаҷвии Borowitz Report машҳур аст[21].

Стратегия  чорум истеҳсоли маводи бумӣ/дохилӣ  дар арафаи  тавлид аст. Ин маводест, ки на барои ҷалби хонанда ба сомона, балки барои тавсияи аудиторияи шабакаҳои иҷтимоист. Одатан, ба чунин сртатегия лоиҳаҳои маҳаллӣ даст мезананд( масалан,  «Лентач»-и иттилотӣ, ки берун аз шабакаи иҷтимоӣ вуҷуд надорад), вале талаботи зиёде  ба публисистикаи босифат вуҷуд дорад.   Барои мисол, гуруҳи Doktor.ru, ки  нашри матнҳои асили таърихи тибро  интихоб намуд, дар  муддати якчанд моҳ беш аз 100 ҳазор  корбарро фаро гирифт ва ин дар ҳоле ки ҳамаги 2 ҳазор узв дошт, яъне ҷалби хонанда ба маротиб аз нишондиҳандаҳои шабакаи иҷтимоӣ бештар буд. Қолаби  стандартӣ дар ин ҷо на анонсҳо, балки албоми суратҳоест, ки аз назари меъёрҳои матн барои шабакаҳои иҷтимоӣ хеле тулонианд.

## Қолабҳо барои таҷҳизоти мобилӣ

Ҳузури оммавии таҷҳизоти дорои экранҳои хурд дар  соҳаи интерфейс ва тарзи   тақдими иттилоот инқилобе  кард. Саҳифандии бисёрсутунаи  сомонаҳо бо саҳифаҳои

яксутуна ва чаҳорчубшакл иваз шуд. Навигатсия пурра бозсозӣ шуд. Буҷети таваҷҷуҳ ба маводи тахсисшуда хело ҳам бурида шуд Афзалиятҳои нав дар муносибат бо муҳтаво пайдо шуданд: дар бисёр ҳолатҳо исботкунандаи таваҷҷуҳ дигар на клик(ангушт задан руй мавод) ва пахш болои он, балки (прокрутка) паймоиш ё мурур кардани лентаи иттилоотӣ шуд.

Қаблан сухан дар бораи раванди автоматӣ кардани мавод рафт. Фурсати кутоҳи таваҷҷуҳ дарозии максималии кафолатноки маводи истеъмолшударо тақозо мекунад- «ҷавҳар»-и мавзӯъ кам андар кам бештар аз се то панҷ экрани таҷҳизоти мобилиро банд мекунад

Ҷавоб барои коҳиш додани таваҷҷуҳ аз расму тасвирҳо ва сабтҳои видеоӣ шуд.

Дар матнҳо қолабҳои таҷрибавӣ, ки онҳоро метавон «миникорт» номид пайдо шуданд. Соли 2012 роҳандози (стартап ) CircaNews, ки баъдан муфлис шуд, таҷрибаи автоматикунонии маводро гузаронд. Муҳаррирони он кушиданд, ки иттилооти хабариро вобаста ба унсурҳояш: далелҳо, омор, иқтибосҳо ва унсурҳои сирф расонаӣ тақисимбандӣ намоянд. Сарфи назар аз нокомии ин роҳгузор, равияи мазкур ҳифз карда шуд. Мутобиқ ба вазъи соли 2016 Wildcard (http://trywildcard.com/), барномаи корбурдие барои iPhone вуҷуд дорад, ки сужети дигар расонаҳоро дар шакли корт ё фишурда аз ахбор бо мӯрофиқаташон бо шарҳи редаксионӣ ҷамъоварӣ менамояд

Махсусияти асоси миникортҳо:

- ғолибан онҳо пешгуфторе барои маводи ҳаҷман бузурганд;

- мини-кортҳо — қолаби нимавтоматианд, танҳо дар таркиби мавод ё лентаи мавзӯъҳо дорои аҳамият мешаванд ;
- ба осонӣ ба муҳити иҷтимоӣ роҳ меёбанд, вале қолаби аслӣ барои сохторҳои ҷустуҷӯ нестанд.

Навор ва пахш, рӯзноманигории визуалӣ

Маводи видеоӣ, вобаста ба тамоси кутоҳ бо эълон, бартарии дидан аз шунидан ва дигар хусусиятҳои ҷисмонӣ, табиист ки нисбат ба матн боиси ҷалби бештари корбарон мегардад. Дар бисёр ҳолатҳо эълони видеоӣ метавонад матнро ҷойгузин бошад. Филмҳои аниматсионӣ ва роликҳои кутоҳи видеоӣ боз ҳам таъсири бештар доранд.

Майл ба ҷониби дарки видеоӣ дар фарҳанги рақамӣ бештар аз даҳҳо сол боз ба назар мерасад. Гузашта аз ин дар наслҳои охири мактаббачагон (манзур солҳои 2015---16) баръало тарҷеҳ додан ба маводи визуалӣ, ҳатто дар мавридҳое, ки тамошо метавонад аз хониш ҳам вақти бештар талаб кунад, ба мушоҳида мерасад.

Истеъмоли видео ба ғайр аз роликҳои видеоӣ боз боиси тавлиди ду қолаби бузург шуд:

- пахш, минҷумла пахши маводи аз ҷониби корбарон истеҳсолшуда, редаксионӣ ва интерактивӣ(бо имкони нишон додани аксуламал ба шарҳи корбарон). Алҳол пахши мавод асосан бо бозиҳои видеоӣ ва мусобиқоти киберварзишӣ марбут аст. Пешгуйӣ кардани самти тамоюли талаботҳо, вақте насли нави тамошобин ба камол мерасад, мумкин аст ;
- таҷассумгардонии содаи мафҳумҳои мушкил.

Муваффақиятҳои журналистикаи додаҳо, рушд ва афзоиши

малакаҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилот аз ҷониби журналист имконияти сарфа кардани дороиҳоро барои таҷассумгардонӣ фароҳам овард ва алҳол видео ҷадвалҳо, диаграммаҳо, тасвирҳои интерактивӣ ва ҳатто барномаҳои видеоиро метавон дар низоми нимавтоматӣ сохт. Платформаҳое мисли Snapchat пайдо мешаванд, ки барои ноширон истеҳсоли видео ва маводи расму тасвирбандишударо дар таҷҳизоти мобилӣ осон мегардонанд.

## Назаре ба оянда

Қолабҳои нав дар ҷавоб ба талаботи барои нашрияҳо пеш омада, зуҳур менамоянд. Ин ҷавоб ба навгониҳои технологӣ ё ҳатто одатҳои корбарон нест (видео дар сомонаҳо, пеш аз он ки расонаҳо фаъолона аз он истифода баранд, вуҷуд дошт). Аз ин ру пешгуйи он, ки қолабҳои нав чӣ гуна мешаванд ва ҳатто дар кадом самтҳо бурӯз мекунад, мушкил аст. Ба хусус агар қолабҳои мавҷудаи анъанавӣ ба соҳаҳои ноазхудшуда кур- кӯрона гузаронда шаванд.
Бо боварӣ метавон гуфт, ки қолабҳои нави расонаӣ дар солҳои наздик худро дар месенҷерҳо- фазои хусусӣ, ки тибқи қоида аз мубоҳисаҳои ошкорои ба шабакаҳои иҷтимоӣ хос фарқ мекунанд,нишон медиҳанд.

Ба гумони ғолиб, қолабҳои нав руй ёварони хусусие асар хоҳад гузошт, ки онҳо такмил ёфта, на танҳо таҷҳизоти мобилӣ, балки амвомобилҳоро, ки он ҷо додани фармонҳои овозӣ мувофиқ аст, фаро мегиранд.

Низоми иловагӣ ва маҷозии воқеъиятро, ки дар навбати аввал дар ҷойҳои корӣ мавриди истифода қарор мегиранд, алоҳида бояд қайд намуд. Маводи хусусишуда ё барои

муҳити корпаративӣ интихобшударо метавон интизор буд. Ба кадом шакл хоҳанд буд- номаълум аст.

Номаҳои электрониро ҳам ҷудогона бояд зикр кард. Сарфи назар аз тасмимҳои бисёри расонаӣ барои email, қолаби нав алҳол пайдо нашудааст; ҳар нашрия ба таври худ тасмим мегирад, ки чӣгуна иттилоотро бифиристад . Эҳтимоли қавӣ вуҷуд дорад, ки ин масъала низ солҳои наздик ҳал мешавад.

Суолҳо барои санҷиш

1. Каналҳои интишори маводро номбар кунед, ки дар пайдоиши қолабҳои (форматҳои) нави рақамӣ таъсири бештар расондаанд.
1. Таҷҳизоти мобилӣ чӣ гуна маҳдудиятҳо мегузорад? Ин маҳдудиятҳо ба қолабҳои нави журналистӣ чӣ таъсир доранд?
2. Кадом стратегияҳо метавонад сармашқи кори нашрияҳое бошанд, ки мавод пешкаш мекунанд? Ҷавоби умумӣ дода, онро сипас дар мисоли ягон рӯзномаи чопӣ мушаххас кунед.
3. Кадом қолабҳои нави видеоиро, ба ғайр аз онҳое ки дар ин бахш номбар шуданд, зикр кардан метавонед? Чаро онҳо ба руйхат ворид нашудаанд?

.

Адабиёти истифодашуда


1. Benton J. The leaked New York Times innovation report is one of the key documents of this media age / J. Benton // Nieman Journlism Lab: http://goo.gl/35wTyY.
1. Corcoran L. The Biggest Sites On Facebook In Germany, France And Ireland: http://goo.gl/NV6hOH.

2. Costera Meijer I., Groot Kormelink T. Checking, sharing, clicking and linking: Changing patterns of news use between 2004 and 2014 // Digit. Journal. 2014. № 1. August. DOI: 10.1080/21670811.2014.937149.
3. Digital Media and Society: Implications in a Hyperconnected Era. 2016 // World Economic Forum: http://goo.gl/f0Sra1.